**Суратҷаласаи №4-и**

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 - Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ)

аз 11 феврали соли 2025

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 13 нафар,
аз рӯйи ихтисос 6 нафар

11 феврали соли 2025, соати $13^{30}$ дар толори шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-067 баргузор гардид.

**Раиси маҷлис:** доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ Мухамедходжаева Р.

**РӮЗНОМА:**

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи **Буриева Шаҳноза Бекмуратовна** дар мавзуи “Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ” (дар асоси маводи фарҳангномаи “Бурҳони қотеъ”) барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 - Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ).

Гузориши раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, Шарифзода Ф. шунида шуд.

Диссертатсия дар шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ иҷро шудааст.

Роҳбари илмии довталаби дараҷаи илмӣ - доктори илмҳои филологӣ, дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Матробиён Саодатшо Қосимзода мебошад.

Муқарризони расмӣ:

1. Ҳомидов Дилмурод Раҷабович – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

2. Бобомуродова Маҳбуба – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Муассисаи пешбар – МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”.

Котиби илмии шуро дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Гузориши Буриева Шаҳноза Бекмуратовна оид ба мухтаво ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ шунида шуд.

Диссертант ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои филологӣ – Юсуфов У., Назарзода С., Нуров П., Раҳматуллозода С., ва Охониёзов В. ҷавоб дод.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Матробиён Саодатшо Қосимзода тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби илмии шуро матни хулосаи шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ, тақризи муассисаи пешбар – МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшударо хонд.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда ҷавоб дод.

Гузориши муқарризони расмӣ – Ҳомидов Дилмурод Раҷабович – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Бобомуродова Маҳбуба – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ шунида шуд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Докторони илмҳои филологӣ Ҳакимов А., Назарзода С., Султон Ҳасан Баротзода ва Раҳматуллозода С. ба ҳайси муқарризи ғайрирасмӣ сухан карда, диссертатсия, автореферат ва дастоварду натиҷаҳои илмии довталабро баррасӣ намуданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ интихоб гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – докторони илмҳои филологӣ Ҳакимов А., Султон Ҳасан Баротзода ва Раҳмонов Р. интихоб гардиданд.

Аз 16 нафар узви шуро 13 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 6 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Буриева Шаҳноза Бекмуратовна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қабул гардид.

**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ**

**аз 11.02.2025** **ш. Душанбе**

Гузориши Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар мавзуи “Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ” (дар асоси маводи фарҳангномаи “Бурҳони қотеъ”) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 - Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ), хулосаи шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ, тақризи муассисаи пешбар – МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”, гузориши муқарризони расмӣ – Ҳомидов Дилмурод Раҷабович – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Бобомуродова Маҳбуба – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ Ҳакимов А., Назарзода С., Султон Ҳасан Баротзода ва Раҳматуллозода С. шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба

диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар мавзуи "Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ" (дар асоси маводи фарҳангномаи "Бурҳони қотеъ") барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 - Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 - Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) дода шавад.

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба Буриева Шаҳноза Бекмуратовна аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 13 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мухамедходжаева Р.

11.02.2025